**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи ташкили пунктҳои савдои наздисарҳадӣ бо Давлати Исломии Афғонистон

Мутобиқи Аҳдномаи дӯстӣ ва ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати исломии Афғонистон, ки вусъати муносибатҳои тиҷоратию иқтисодиро пешбинӣ менамояд ва бо дарназардошти саъю кӯшиши ҳарду тараф барои инкишоф додани савдои наздисарҳадӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Дар қаламрави шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ишкошим ва Дарвози вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон савдои наздисарҳадии озуқаворӣ ва молҳои дигари истеъмолии ниёзи мардум бо Давлатии Исломии Афғонистон ташкил карда шавад.

Раисони шаҳру ноҳияҳои мазкур бо мувофиқати раиси вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва мақомоти манфиатдор маҳалли мушаххаси ҷойгиркунонии пунктҳои савдои наздисарҳадӣ ва реҷаи кори онҳоро муайян намуда, барои савдо ва муваққатан нигоҳ доштани молҳои воридотӣ масоҳату биноҳои дахлдор ҷудо кунанд.

2. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби мувофиқашудаи соддаи воруду хуруҷи шаҳрвандони Давлати Исломии Афғонистонро бо шаҳру ноҳияҳои номбаршуда муқаррар намуда, маҳалли исту сукунати онҳоро муайян кунанд, назорати лозимаи гумрукӣ ва тадбирҳои амниятиро таъмин намоянд.

3. Аз фармондеҳии Гурӯҳи қӯшунҳои сарҳадии Федерацияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки тартиби ба маҳалҳои савдои наздисарҳадӣ гузаштани шаҳрвандони Давлати Исломии Афғонистонро бо Умури Федералии Сарҳадии Федерацияи Россия мувофиқа намояд.

4. Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати "Тоҷикматлубот", якҷо бо ҳукуматҳои шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ишкошиму Дарвози вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон номгӯи molу маҳсулотро, ки барои савдои наздисарҳадӣ заруранд таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

5. Ба ҳукуматҳои шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ишкошиму Дарвоз ҳуқуқ дода шавад, ки якҷоя бо хадамоти гумрукӣ ва сарҳадӣ ба дарназардошти манфиати тарафҳо, талаботи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қоидаҳои байналхалқӣ, инчунин ҳалли таъҷилии масъалаҳои ташкилии савдои наздисарҳадиро дар қаламрави ноҳияҳои зикргардида ва шаҳри Хоруғ баррасӣ ва ҳаллу фасл намоянд.

6. Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Раёсати "Тоҷикматлубот", бо мувофиқаи Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди тартиби фаъолияти нуқтаҳои савдои наздисарҳадӣ, бо дарназардошти талаботи қарори мазкур, таклифҳоро пешниҳод намоянд.

7. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида Давлати Исломии Афғонистонро дар хусуси қабул гардидани Қарори мазкур огоҳ созад.

Раиси Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон                    Э.Раҳмонов

аз 21 феврали соли 1996, № 68

ш.Душанбе